# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Умарализода Таҳмина Мирзоали дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Омӯзишу баррасии муқоисаи истилоҳоти кишоварзӣ мавзуи муҳим дар илми муосири забоншиносӣ маҳсуб мешавад, зеро соҳаи кишварзӣ ҳамчун заминаи асосии таъминкунандаи шароити маишии ҷомеа ба шумор меравад ва донистни истилоҳоти он дар муқоиса бо дигар забонҳо зарур аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Умарализода Таҳмина Мирзоали дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)” ҳамчун мавзуи мубрам ва саривақтӣ маҳсуб шуда, муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд.

Унвонҷӯ дар заминаи вазифаҳои гузошташуда ба хубӣ вижагиҳои сохторӣ-семантикӣ, таърихи пайдоиш ва рушду густариши калимаву истилоҳоти кишоварзӣ дар қиёс бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин кам омӯхта шудани онҳо аз нуқтаи назари таърихиву забоншиносии муқоисавиро мавриди пажуҳиш қарор додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** ба он равона шудааст, диссертант нахустин маротиба дар илми муосири забоншиносии тоҷик истилоҳоти кишовразиро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ намудааст. Инчунин, дар ин замина масъалаҳои зерин ҳамчун навгонии илмӣ пешниҳод гардидаанд:

- вожаҳои ба зироатҳои ғалладона, навъҳои онҳо, мафҳуми дарза, ҷой ва тарзи кӯфтани ғалла, калимаҳои ба рӯбучин ва бод додани ғаллаи куфташуда ва амсоли инҳо муайян ва тавзеҳ дода шудаанд;

- хусусиятҳои монанд ва фарқкунандаи истилоҳоти кишоварзии забонҳои муқоисашаванда аз ҷиҳати сохтор ошкор гардидаанд;

- вижагиҳои сохторӣ ва семантикии вожаҳои кишоварзӣ, маросимӣ, суннатӣ, олотҳои меҳнат ва тарзи корбурди онҳо муайян шудааст;

- равиши нав дар мавриди тавзеҳи маъно, ки дар ин хол мафҳуми кишоварзӣ ба воситаи феълҳо муайян гардидааст, коркард шуд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он инъикос мегардад, ки хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонад, дар шаклгирии корҳои илмии марбут ба пажуҳишҳои муқоисавӣ ва луғатнигорӣ ба кор раванд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он аст, ки унвонҷӯ зимни омӯзиш бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ луғоти соҳаи кишоварзии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз нуқтаи назари вижагиҳои сохториву маъноӣ ва семантикӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин, саҳми шахсии муҳаққиқ дар ҷамъоварии маводи пажуҳиш ва коркарду таҳқиқӣ он, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани маърузаҳои илмӣ ва таҳияву нашри мақолаҳо роҷеъ ба масъалаҳои мавзуи пажуҳиш зоҳир мегардад.

Диссертант дар давоми таҳқиқи мавзуъ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Тоҷикистон руйи чоп овардааст, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар натиҷаи мутолиаи автореферат маълум гардид, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 2 боб, 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои пажуҳиш, рӯйхати адабиёти истифодашуда, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми он 183 - саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Автореферати диссертатсия дар шакли хуб бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия шудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Умарализода Таҳмина Мирзоали дар мавзуи **“Таҳлили муқоисавии истилоҳоти кишоварзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ғалладона, олоти меҳнат ва омилҳои марбут ба онҳо)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –

Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарриз:**
доктори (PhD) аз рӯи ихтисос,
муаллими калони кафедраи тарҷума ва
грамматикаи забони англисии МДТ- и
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” **Сайфитдинова Мунира Рахматовна**

Имзои Сайфитдинова М.Р.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ- и “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” **Сайдуллозода З.С.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
**Телефон:** 92 892 00 12
**E-mail:** msayfitdinova_28@mail.ru 08.04.2025с.